Манро ба коре роҳнамоӣ кун, ки агар онро анҷом додам вориди биҳишт шавам. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд:" Аллоҳро ибодат мекунӣ ва чизеро ба Ӯ шарик намесозӣ, намозҳои фарзро анҷом медиҳӣ, закоти фарзшударо мепардозӣ ва моҳи Рамазонро рӯза мегирӣ

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Араби бодиянишине ба назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад ва гуфт: Манро ба коре роҳнамоӣ кун, ки агар онро анҷом додам вориди биҳишт шавам. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд:" Аллоҳро ибодат мекунӣ ва чизеро ба Ӯ шарик намесозӣ, намозҳои фарзро анҷом медиҳӣ, закоти фарзшударо мепардозӣ ва моҳи Рамазонро рӯза мегирӣ". Гуфт: Қасам ба он ки ҷонам дар дасти Ӯст, бар ин гуфтаҳо чизе намеафзоям. Ва чун баргашту рафт, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Ҳар ки дӯст дорад ба марде аз аҳли биҳишт бингарад, ба ин мард бингарад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Марди саҳронишин (деҳотӣ)-е назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад, ки ӯро ба амале роҳнамоӣ кунад, то бо анҷом додани он вориди биҳишт шавад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ чунин посух дод, ки ворид шудан ба биҳишт ва наҷот ёфтан аз оташ, вобаста ба адои аркони Ислом аст. Аз ҷумла, ибодатро танҳо барои Аллоҳ Таъоло анҷом додан ва ширк наовардан ба Ӯ (сабаби наҷоти инсон аз оташи дӯзах мегардад). Ва барпо доштани намозҳои панҷгона, ки Аллоҳ Таъоло дар ҳар шабу рӯз бар бандагонаш воҷиб гардонидааст. Ва пардохтани закоти мол, ки Аллоҳ Таъоло бар ту воҷиб гардонидааст ва онро бар мустаҳиққон медиҳӣ. Ва рӯзаи моҳи Рамазонро дар вақти муайяншудааш риоя мекунӣ. Он мард гуфт: Савганд ба зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ман ба он фаризаҳое, ки аз ту шунидаам, чизе илова намекунам ва аз он кам ҳам намекунам. Вақте, ки ӯ рафт, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: Ҳар ки дӯст дорад ба марде аз аҳли биҳишт бингарад, ба ин бодиянишин нигоҳ кунад.